ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии **6D.KOA-039** назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи: «Таъсири Bacillus subnilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2 - Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ).

Тибқи қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ИТВ АИКТ) аз «15» марти соли 2026 комиссия дар ҳайати Раис - номзади илмҷои ветеринарӣ Андамов И.Ш., (Раис), аъзои комиссия – номзади илмҳои ветеринарӣ - Сатторов С. Ф. номзади илмҳои биологӣ –Раҷабов Ҳ. И. диссертатсия, автореферат, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, мақолаҳои илмие, ки вобаста ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби унвончуй Исвалиев Сино Мирзоназарович нашр гардидаанд баррасӣ ва муҳокима намуда, қарори зеринро қабул карданд:

Кори диссертатсионии Исвалиев С. М. дар мавзуи: «Таъсири Bacillus subnilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои биологӣ Раҳматзода Н.Р. дар солҳои 2009-2022 дар пойгоҳи кафедраи микробиология ва эпизоотологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва хоҷагиҳои мусоиди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон иҷро карда шудааст.

Хулоса дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.

Тадқиқот ба бандҳои 3.7, ва 3.8 Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба ихтисоси 4.3.2 - Микробиологияи ветеринарӣ, (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқат мекунад. Тадқиқот ба омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳуроти бемории маъмулу хавфноки сироятӣ-бемории сил дар чорвои калони шохдор, мукаммал намудани ташхиси тафриқии ин беморӣ бо истифода аз усулҳои муосир ва муайян намудани алоқамандии бемории сил дар байни одамон ва ҳайвонот бахшида шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар доираи мавзуи сарбории илмии факултети тибби ветеринарии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба «Омӯзиши таъсири микобактерияҳои ғайрисилӣ ва гелминтозҳо дар пайдоиши аксуламалҳои бодигармии туберкулинии чорвои калони шохдор» барои

солҳои 2021-2025, инчунин «Барномаи давлатии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2015, ки аз 30 декабри соли 2009 таҳти №694 ва "Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ барои солҳои 2021-2025", ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, таҳти № 49 тасдиқ шудаанд, амалӣ гардидааст.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб мукаммал инъикос ёфтааст.

Масъалаҳои асосии қабули диссертатсия ба ҳимоя:

Тадқиқот ба омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳуроти бемории маъмулу хавфноки сироятӣ-бемории сил дар чорвои калони шохдор, омӯзиши хусусиятҳои иллатзо ва ҳассосгардонандаи (сенсибиликунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор, муайян намудани таъсири ҳайлҳои Bacillus subtilis ба зоҳирёбии аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ нисбат ба воридкунии СХТ- туберкулин равона гардидааст.

Мавзуи диссертатсия дар доираи мавзуи илмии факултети тибби ветеринарии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба «Омӯзиши таъсири микобактерияҳои ғайрисилӣ ва гелминтозҳо дар пайдоиши аксуламалҳои бодигармии туберкулинии чорвои калони шохдор» барои солҳои 2021-2025, инчунин «Барномаи давлатии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ» барои солҳои 2010-2015, ки аз 30 декабри соли 2009 таҳти №694 ва "Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ барои солҳои 2021-2025", ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, таҳти № 49 тасдиқ шудаанд, амалӣ гардидааст.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб мукаммал инъикос ёфтааст.

Масъалаҳои асосии қабули диссертатсия ба ҳимоя:

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Айни замон дар мавриди мубориза бо бемории сили ҳайвонот яке аз тадбирҳои асосии пешгирикунанда ва бехдоштии он ташхиси ин беморӣ муҳим боқӣ мемонад. Дар мавриди ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор усули асосӣ, оммавӣ ва аз ҷониби умум қабулгардида санҷиши дохилипӯстӣ бо истифодаи СХТ – туберкулин барои ширхӯрон ба шумор меравад. Яке аз муаммоҳои муҳим ҳангоми ташхиси бемории сил санҷиши туберкулинии дохилипӯстии туберкулинӣ, ва аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба туберкулин ба шумор меравад.

Мубрамии ин муаммо сол ба сол боло меравад. Аз ҷумла, дар хоҷагиҳои мусоиди Тоҷикистон, назар ба хоҷагиҳои аз нигоҳи бемории сил мусоид, ба миқдори 3,5 маротиба бештар ҳайвоноти ба туберкулин вокунишнишондиҳанда зоҳир карда мешавад.

Зоҳиршавии оммавии аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба туберкулин боиси забҳи миқдори зиёди ҳайвоноти солим гардида, талафоти зиёди иқтисодиро ба бор оварда, боиси шубҳа дар дурустии ташхис бо усули тасдиқгардида мегардад.

Айни замон дар эпизоотологияи бемории сил дар ҳудуди Тоҷикистон муаммои мубрам ангехтапазирии ғайрихоси чорвои калони шохдор боқӣ мемонад, ки боиси забҳи бе асоси ҳайвонот ва талафоти калони иқтисодӣ гардида, таҳияи усулҳои ташхиси тафриқавиро тақозо менамояд.

Хусусиятҳои эпизоотологии туберкулези ҳайвони калони шохдор ва ташхиси он аз тарафи олимон дар хориҷи кишвар (К. И. Михайлова, 1977; А.С. Донченко, 1987; А. Х. Найманов 2002 ва диг...) ва дар Тоҷикистон (Н. Ярбаев, 1993; А. Х. Ҳабибов, 2000; Д. М. Мирзоев, 1997; Н. Р. Раҳматзода, 2014; А. Шарипов, 2006; К. А. Одинаев, 2012; Х. И. Раҷабов 2018; Шукурзода Ш. Р, 2021) омӯхта шудаанд. Лекин то имрӯз масъалаи дарёфти усулҳои самарабахши мубориза бо микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки ҳангоми ташхиси аллергенӣ бо туберкулин мусбат арзёбӣ карда мешавад, ҳалли худро пурра наёфтааст.

Вазъи имрӯзаи эпизоотию эпидемии беморӣ ва маълумотҳои омори тандурустӣ ва ветеринарӣ аз муҳим будани масоили мукаммалгардонии минбаъдаи ташхиси тафриқии сили чорвои калони шохлор ва роҳҳои мубориза бо он шаҳодат медиҳад.

Бемории сил ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) дар байни одамон ва ҳайвоноти кишоварзӣ бақайд гирифташуда, пайдоиши нуқтаҳои номусоиди навро ба миён меорад, ки зарурати аз сари нав дида баромадани масоили ташхис ва мукаммалгардонии онро талаб менамояд.

Ҳадафи тадқиқот. Муқаррар намудани сабабҳои аксуламалҳои аллергӣ ва пешниҳод намудани таъсири антагонистии ҳайлҳои Bacillus subtilis ба зоҳирёбии аксуламалҳои ғайрихоси аллергӣ ба СХТ-туберкулин.

Вазифаҳои тадқиқот

1.Таҳлили вазъи эпизоотӣ ва эпидемӣ оид ба сили чорвои калони шохдор ва одамон дар Тоҷикистон ва моҳияти аксуламалҳои ғайрихос нисбат ба СХТ-туберкулин дар ташхиси ин сироятҳо дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон;

2.Истифодаи санҷиши симултании туберкулинӣ барои ташхиси тафриқавии сили чорвои калони шохдор дар хоҷагиҳои мусоид;

3.Омӯзиши хусусиятҳои иллатзойӣ ва ҳассосгардонӣ (сенсибилизатсия)-и микобактерияҳои ғайрисилӣ дар ҳайвоноти озмоишгоҳӣ ва чорвои калони шохдор;

4. Муайян намудани таъсири ҳайлҳои Bacillus subtilis ба зоҳир гардидани аксуламалҳои ғайрихоси аллергенӣ нисбат ба СХТ-туберкулин.

Навгонии тадқиқоти илмӣ. Таҳлили зоҳирёбии микобактериозҳо дар хоҷагиҳои мусоид пешниҳод шудааст. Арзиши ташхисии санҷиши симултании туберкулинӣ бо СХТ- туберкулин барои ширхӯрон ва АММҒ омӯхта шудааст.Таркиб ва ҳайати намудии микобактерияҳои ғайрисилӣ, ки дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҶТ паҳн шудаанд, муқаррар карда шудааст.

Таъсирнокӣ ва фаъолнокии бактериявии ҳайлҳои Bacillus subtilis нисбат ба микобактерияҳои ғайрисилӣ муайян карда шудааст.

Хусусиятҳои ҳассосгардонандаи (сенсибилизатсиякунандаи) микобактерияҳои ғайрисилӣ: M. avium, M. intracellulare, M. phlei, M. smegmatis, M. fortuitum омӯхта шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки туберкулез дар шакли энзоотӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ вомехӯрад ва дар мусбат арзёби шудани таҳлили аллергении чорво бо туберкулин нақши микобактерияҳои ғайрисилӣ калон аст. Ба ҳамин хотир истифодаи штаммҳои Bacillus subtilis дар маҳв намудани бактерияҳои ғайрисилӣ ва кам намудани миқдори ҳодисаҳои ғайрихоси аллергенӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда ва бадастоварда «Тавсияҳои методӣ доир ба ташхиси патологоанатомии чорвои калони шохдор», ки Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи №1 аз 07.07.2017) ба тасдиқ расонидааст ва тавсияҳои методӣ доир ба гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифодаи СХТ – туберкулин барои ширхӯрон ва аллергени маҷмӯӣ аз микобактерияҳои ғайрисилӣ (АММҒ) таҳия шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар интишороти бешумор инъикос ёфта, метавонад барои омӯзиши аспирантону унвонҷӯён, докторантон (PhD) ва донишҷӯёни факултаҳои ветеринарӣ ва биологӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии тадқиқот бо таҳияи Дастурамал оид ба усули фаврии гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ барои ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор, ки аз тарафи ХНДБ ВК ҶТ, 2017 тасдиқ карда шудааст, тарҳрезии патент оид ба “Тарзи ташхиси фаврии бемории сили

чорвои калони шохдор", ки дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Тоҷикистон аз 05.11. соли 2025ба қайд гирифта шудааст, инъикос гаштааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҷрибаҳои зиёди озмоишгоҳию истеҳсоли, таҳлили омори ветеринарӣ, нашри натиҷаҳои тадқиқот дар журналҳои тақризшаванда ва маводи конференсияҳо тасдиқ шудаанд. Хулоса ва дастурҳо дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ бармеоянд.

Оид ба дар диссертатсия набудани ҳолатҳои истифодаи маълумот бе нишон додани манобеъ.

Аз ҷониби диссертант маълумотнома оид ба санҷиши матни диссертатсия оид ба ҳаммонандиҳо (плагиат) пешниҳод карда шудааст, ки аз ҷониби корманди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ Р.М. Ёров имзо гардидааст. Тибқи маълумотномаи мазкур матни диссертатсияи Исвалиев С.М. дар мавзуи "Таъсири bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ" 82,39% ва автореферат - 78,52%-ро ташкил медиҳад.

Дар бораи пуррагии маводи диссертатсия дар корҳои нашркардаи довталаби дараҷаи илмӣ

Диссертатсия дар 151 саҳифаҳои матни компютерӣ таҳия шуда, аз 19 ҷадвал, 11 тасвир ва 10 диаграмма иборат аст. Рӯйхати адабиёт ба 191 манбаъ шомил аст, ки 128-тои онҳо ба забони русӣ ва 63-тои онҳо ба забонҳои хориҷӣ мебошанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаррароти муқаддимавӣ, шарҳи адабиёт, тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ, баррасии натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Аз натиҷаи тадқиқотҳои илмии унвонҷӯй 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои ба феҳристи нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда нашр шудааст.

Тавсияҳои илман асосноки амалӣ, хулоса ва муқаррароти илмии кори илмии унвонҷӯй Исвалиев С. М. бо маводҳои дар озмоишу таҷрибаҳо санҷида асоснок карда шуда, хусусияти тавсиявӣ ва аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дорад ва барои рушди илми байторӣ мусоидат менамояд.

Бинобар кори мукаммали илмӣ-тахассусӣ мукаммали илмӣ-тахассусӣ ва доштани сифати хуби кори диссертатсионӣ, бояд тазаккур дод, ки дар кори диссертатсионии Исвалиев С.М хатогиҳои алоҳидаи техникӣ, грамматикӣ ва услубӣ ҷой доранд ва натиҷаи тадқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназаровичро дар мавзуи: «Таъсири Bacillus subnilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2 - Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ:

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи: «Таъсири Bacillus subnilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2 - Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқонии зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 4.3.2-Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

Саторов Саидбег- доктори илмҳои тиб, профессор, профессори кафедраи микробиология, вирусология ва иммунологияи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон;

Нарзуллозода Сулаймон Ҳабиб - номзади илмҳои ветеринарӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти тибби ветеринарии АИКТ.

3.Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти тибби ветеринарии АИКТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои ветеринарӣ Андамов И. Ш.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

номзади илмҳои ветеринарӣ Саторов С.Ф.

номзади илмҳои биологӣ Рачабов Ҳ. И.

аз «27» «04» соли 2026